# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи номзадии Муродзода Бахтиёр Сайалӣ дар мавзуи "Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)

Диссертатсияи Муродзода Бахтиёр Сайалӣ ба таҳқиқи бедилшиносӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда, дар он масъалаҳои таърихи таҳқиқи заминаҳои шинохти шахсияти эҷодии Мирзо Абдулқодири Бедил ва муҳити адабии ӯ аз тарафи адабпажӯҳони тоҷик ва ҳамчунин таҳқиқи осори ин адиби тавоно дар ҷумҳурии мо ва таъсири ӯ ба шоирони Мовароуннаҳр аз диди бедилшиносони тоҷик батаъннӣ баррасӣ ва арзёбӣ карда шудааст. Аҳаммияти диссертатсияи мавриди назар дар он аст, ки муаллифи он таърихи беш аз садсолаи омӯзишу тадқиқи Бедил ва осори ӯро дар замони шуравӣ ва дар давраи Истиқлоли Тоҷикистон ба таври густарда фаро гирифтааст. Ба ин далел, рисолаи номзадии диссертант хеле мубрам ва саривақтӣ шуморида мешавад.

Навоварии илмии диссертатсияи мазкур дар он дониста мешавад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал саҳми бедилшиносони тоҷик аз замони зуҳури таҳқиқи Бедил то даврони охир мавриди омӯзиш ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифтааст. Таҳқиқи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммал дар шинохти муваффақияту камбудиҳои бедилшиносӣ дар Тоҷикистон мебошад. Вежагии таҳқиқи мазкур дар он аст, ки он ду давраи бедилшиносӣ, яке давраи сотсиализми бо мафкураи сирф коммунистӣ ва дигаре, давраи Истиқлоли Тоҷикистони аз қайду банди ҳар гуна мафкура озодшударо дар бар дорад.

Нуктаи муҳим он аст, ки диссертант равишҳои илмии кори адабиётшиносони тоҷикро дар ҳар ду давра ба таври мушаххас ва бо далелҳои қотеъ нишон дода тавонистааст. Ӯ бори аввал таҳқиқи зиндагонии Бедил ва пажӯҳиши осори ин адибро аз устод С.Айнӣ сар карда, то Б. Раҳимову Н.Нурзод ва дигарон марҳила ба марҳила ба таҳқиқ гирифта, хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст.

Диссертатсия дар мавзуи “Бедилшиносӣ дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат мекунад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаву усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзуъ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия шарҳ ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия **“Баррасиҳо дар заминаи шинохти Бедил ва муҳити адабии замони ӯ”** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф саъй кардааст, ки вазъи замони зиндагии Бедилро дар иртиботи ҳаёти ӯ ва муҳити адабиаш дар таҳқиқи бедилшиносони тоҷик пажӯҳиш намояд. Дар ин росто саҳми устод С. Айниро дар таҳқиқи замони Бедил ва таҳқиқи ҳаёти ӯ ба таври ҳаққонӣ нишон медиҳад. Сабабҳои дар ин раванд ба натиҷаҳои таҳқиқи С. Айнӣ дарафтодани баъзе адабиётшиносони тоҷики давраи шуравиро ба таври объективӣ ҳаллу фасл намудааст. Диссертант дар баробари таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни афкори бедилпажӯҳон дар иртиботи мавзуъҳои зикршуда, баъзе камбудиҳо ва дурнамои таҳқиқи мавзуъоти мавриди предмети омӯзишашро баён кардааст, ки ин ҷанбаи таҳқиқи ӯ дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал матраҳ мешавад.

Боби дуюми диссертатсия **“Таҳлили мундариҷавию ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии осори шоир аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик”** буда, аз ду фасл иборат аст. Муродзода Бахтиёр Сайалӣ ҳамаи муваффақиятҳои бедилшиносони тоҷикро дар таҳқиқи мухтаво ва хусусиятҳои ғоявии ашъори ғиноии Бедил ва осори эпикии ӯ ба мушоҳида гирифта, ҷамъбаст намудааст. Дар иртиботи ин мавзуъ аз тарафи бедилшиносон ба назар гирифтани кишвари гуногунмиллат ва гуногунмазҳаб будани аҳолии Ҳиндустон ва таъсири ин ҳолат ба мундариҷаи ғоявии осори Бедил

мадди назар гирифта шудааст. Диссертант ҳамчунин дар ғазал ба мавзуъҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ ва ғ. диққат додани бедилшиносони тоҷик ва сабабҳои онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва тавзеҳ додааст, ки ин ҳам сухани тоза мебошад.

Боби сеюми диссертатсия **"Таъсири Бедил ба шоирони Мовароуннаҳр ва нақду баррасии он дар бедилшиносии тоҷик"** номгузорӣ шуда, низ аз ду фасл иборат аст. Диссертант дар ин боб бештар ба мавзуи диққати бедилшиносони тоҷикро ба худ ҷалб намудани нуфузи тарзи эҷоди Бедил, махсусан забон ва тарзи баёни ӯ ба шеъри шоирони Мовароуннаҳр ва сабабу омилҳои онро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Дар ин мавқеъ корҳои анҷомдодаи махсусан С. Айнӣ, Б. Раҳимӣ ва Н. Нурзод ба таҳлил гирифта шудааст ва саҳми ин донишмандони бедилшинос дар рушди бедилшиносӣ дар Тоҷикистон дуруст таъйин карда шудааст. Инчунин омилҳои дар асри XIX авҷ гирифтани пайравӣ ба сабки Бедил ва таҳқиқи ин масъала дар таҳқиқоти бедилшиносони тоҷик ва аз тарафи онҳо ошкор карда шудани тарафҳои мусбату манфии ин падидаи адабӣ хеле саҳеҳ баррасӣ ва арзёбӣ карда шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои марказӣ дар 10 банд зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зерро ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Шарипов Шариф Раҳмонович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. **Собиров Ҳамза Юсуфович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷро карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви
шурои диссертатсионӣ Мақсудзода Б. М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Солеҳов М. О.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳакимов А.

Имзои профессорон Б.М.Мақсудзода ва М.О. Солеҳовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Имзои д.и.ф. А. Ҳакимовро тасдиқ мекунам:

мудири шуъбаи кадрҳои ИЗА АМИТ Нарзиқулова Ҳ.